Тақризи

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Рисолаи номзадии Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» мубрам арзёбӣ гардида, ба шиносномаи ихтисос барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**. Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, давоми зиёда аз 30 сол барои рушди фарҳангӣ, иқтисодиёт, ҳамчунин ворид шудан ба қатори кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон талош дорад. Дар ин раванд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ватандӯстии насли ҷавон аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад.

Таваҷҷуҳи махсус ба тарбияи ҷисмонӣ ва ватандӯстӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (2023) ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” (2022) таҷассум ёфтааст. Ин санадҳо зарурати таҳкими ҳисси ватандӯстӣ, тарзи ҳаёти солим ва омодагии ҷавононро ба мусобиқаҳои варзишии сатҳи байналмилалӣ таъкид мекунанд.

Фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо саломатиро тарғиб мекунад, балки дӯстию ҳамдигарфаҳмии байни ҷавонон ва варзишгаронро дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мустаҳкам месозад. Ҳамин тариқ, варзиш ҳамчун як

василаи муҳимми шинохти ҷаҳон ва муаррифии миллатҳо арзёбӣ мегардад.

Бо назардошти вазифаҳои муҳимме, ки ҷомеаи соҳибистиқлол дар назди омӯзгорон гузоштааст, таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ**. Дар робита ба ин масъала, олимон ва муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла М. Лутфуллоев, И. Давлатшоев, Т.Н. Зиёев, Ш. Маҳмудов, Н.Н. Шоев, Г. Иброҳимов ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ислоҳот ва рушди соҳаи маорифро вазифаи авалиндараҷа арзёбӣ мекунанд. Таъкид шудааст, ки низоми маориф ҳамчун соҳаи тақдирсоз дар сиёсати ҷамъиятии давлат самти муҳимми рушд эълон гардидааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, густариши муносибатҳои байналмилалӣ ва робитаҳои фарҳангию варзишӣ зарурати тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва инсондӯстии хонандагон ва донишҷӯён беш аз пеш эҳсос мешавад.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидани барномаҳои давлатии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаронидани спартакиадаҳо ва «Рӯзи дави миллӣ», инчунин гузариши федератсияҳо ва иншооти варзишӣ ба худмаблағгузорӣ ба рушди соҳа мусоидат намуданд. Ҳамчунин, “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия ва тасдиқ гардидааст.

Бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саросари кишвар сохтмони варзишгоҳҳои хурду бузург идома дорад. Омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки дар ҷараёни таълиму тарбия баъзе

камбудиҳо ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо тақозои замон аст. Таҳқиқоти мо собит месозад, ки мавзуи мазкур ба таври амиқ омӯхта нашуда, таҳлили пурра наёфтааст.

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти рисолаи илмӣ таҳияи механизми самараноки таълиму тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ ҷиҳати болобарии сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**: Дар асоси мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шуд:

- омӯзиши асосҳои назариявии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон, адабиёти методӣ, психологӣ, нақша ва барномаҳои таълимӣ ва ҷараёни таълиму тарбия;

- муайянсозии вазъи воқеӣ ва дурнамои таълиму тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон;

- таҳияи механизми ташкили шароити педагогӣ ҷиҳати таашаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон;

- асоснок намудани дониш, малака ва маҳорати таълимию маърифатии хонандагон аз ҷиҳати воситаҳои муҳофизатии варзишӣ ва ҳарбӣ дар раванди дарси тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ;

- гузаронидани озмоиши педагогӣ дар асоси самаранокии раванди таълиму тарбия дар тарбияи ҳарбӣ ва ватандӯстии хонандагони МТМУ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда дар баланд бардоштани дараҷаи азхудкунӣ ва сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо аз фанни ТҶ ва ОДҲ мусоидат менамояд.

Дар ин робита, муаллифи диссертатсия ба нуктаҳои алоҳидаи назариявии таълифот ва таҳқиқоти муаллифону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ М. Лутфуллоев, И. Давлатшоев, Т.Н. Зиёев, Ш. Маҳмудов, Н.Н. Шоев, Г. Иброҳимов, И.Л. Софронов, Д.И. Фелдштейн, М.Л. Груздева, П.Н. Осипов, Л. Осипова такя кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун маводи таълимӣ дар амалияи фаъолияти педагогӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, дастур ва васоити ёрирасони таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро таълимоти ҳамкории мутақобилаи илмӣ–методӣ, ҳамчунин таълимоти умумибашарии осори бузургони илму адаби ватанию хориҷӣ (Абулқосим Фирдавсӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Турсунов Н.Н., Суяров Т.М., Мирзоев С.С., Бунак В.В., Глухова В.И., Лубшиева Л.И., Никтю Б.А., Пропов Н.Н. ва монанд ба инҳо), нишондиҳандаҳои илмии марбут дар бораи тавъам будани назария бо амалия, ҳамчунин, дар ҷараёни таҳқиқот ба эътибор гирифтани таҷрибаи таърихи варзиши гузаштаву муосир, ташкил медиҳад.

Илова бар ин, ҳангоми корбаст намудани таҳқиқот асосҳои назарии Стратегияи ҶТ «Оид ба рушди тарбияи ҷисмонӣ», «Стратегияи миллии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои солҳои 2018-2021», Қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи «Барномаи Маҷмуи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҶТ барои солҳои 2017–2021», Қонуни Ҳукумати ҶТ «Дар бораи маориф», «Консепсияи мактаби миллии тоҷик» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии марбут ба таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба эътибор гирифта шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- муҳимтарин самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ муайян карда шуданд;

- нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон муайян карда шуд;

- афкори муайяни педагогии олимон оид ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон омӯхта шуда, роҳу усулҳо ва методикаи

тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шароити муосир муайян карда шуд;

- самтҳои асосии фаъолияти муштараки омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бо хурдсолон ва калонсолон дар раванди таълим муайян карда шудаанд;

**Дар муқаддимаи** рисолаи номзадии мазкур муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмети таҳқиқот муайян карда шуда, навгониҳои илмӣ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ нишон дода, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот муқаррар карда шудаанд.

Боби якум "**Ҷанбаҳои педагогии тарбияи ҷисмонии хонандагон ҷиҳати рушди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ**" номгузорӣ гардида, аз 3 фасл иборат аст.

Фасли якуми боби якум "**Асосҳои педагогӣ ва психологии усулҳои баланд бардоштани самаранокии таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон**" ном дорад. Дар фасли мазкур қайд мегардад, ки таҳаввулоти солҳои охир дар самтҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ, маънавӣ-ахлоқӣ, таърихӣ-ватандӯстӣ ва фарҳангӣ-ватандӯстиро тақозо менамоянд. Ин омилҳо барои ғанӣ гардонидани мазмуни тарбияи ватандӯстӣ ва баланд бардоштани таъсири он дар ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар байни наврасону ҷавонон мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, тарбияи ватандӯстӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳанӯз ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудаанд.

Муаллифи рисолаи илмӣ дар таҳқиқоти худ оид ба ҷанбаҳои илмӣ-методӣ, зебоипарастӣ, равоншиносӣ ва ахлоқӣ такя карда, ҷустуҷӯҳои педагогиро оид ба талаботи методикаи муосир дар самти рушди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода кардааст.

Яке аз тамоюлҳои асосии рушд дар марҳилаи муосир роҳҳои инкишофи шахсияти инсон, озодии иқтисодӣ, зеҳнӣ ва ахлоқии ӯ

мебошад. Предмети таҳқиқи ин соҳаи инсоншиносӣ назария ва технологияи рушди шахсияти озоди инсон дар табиат ва ягонагии талабот, махсусият ва қобилияти ҷомеа мебошад, ки дар ҷомеаи инсондӯстӣ татбиқ мегардад.

Фасли дуюми боби якум "**Ташкили муҳити самараноки тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон**" ном дорад.

Муаллифи рисола дар ин фасл қайд менамояд, ки тарбияи наврасону ҷавонон дар руҳияи инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, бунёдкорӣ, илмомӯзӣ, некӯахлоқӣ, худшиносӣ, худогоҳии миллӣ, ҳифзи осори фарҳангӣ, моддию маънавии ниёгон ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вобаста ба ин, мақоми фанни "Тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ" дар амалӣ шудани ин нақшаҳои тақдирсоз аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хуб дарк шуда, такмилу таҳкими минбаъдаи фаъолияти ин фанҳо дастгирӣ меёбад. Аз ин рӯ, сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда, солҳои охир ба ин фанҳо дар сатҳи давлатӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад.

Тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносии насли наврас ҳамчун рукни асосии ғояи давлатдорӣ яке аз самтҳои асосӣ ва муҳимтарин дар раванди таълиму тарбия маҳсуб меёбад.

Муаллифи рисола санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаро мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки масъалаи баланд бардоштани тарбияи ватандӯстию хештаншиносии насли наврас, тарғибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва дар руҳияи ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани хонандагону донишҷӯён, эҳтиром нисбат ба арзишҳои миллӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таваҷҷуҳи хос зоҳир гардидааст.

Фасли сеюми боби якум "**Аҳаммияти тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ дар раванди тарбияи худшиносӣ, ватандорӣ ва ифтихори**

**миллӣ**” ном дошта, аҳаммияти соҳаро дар шароити муосир баррасӣ мекунад, ки бо рушди нобаробари иқтисодӣ, афзоиши ихтилофоти иҷтимоӣ ва таҳаввулоти назаррас дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тавсиф мешавад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар ин фасл зикр кардааст, ки варзиш дар замони мо ба як зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ табдил ёфта, дар ҳаёти ҷамъиятӣ мавқеи хоса дорад. Дар ин раванд масъалаҳои вобаста ба саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим аҳаммияти калон пайдо мекунанд. Ин нуктаҳо дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (26.12.2018) таъкид шудаанд. Аз ҷумла, зикр гардидааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби ҷавонон ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ тавассути оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим ва омода намудани варзишгарони касбӣ аз тамоми имкониятҳо истифода мекунад ва танҳо дар соли 2018 - 230 иншооти навбунёди варзишӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд.

Фарҳанги тарбияи ҷисмонӣ як ҷузъи фарҳанги умумӣ ва тарзи ҳаёти солим ба шумор рафта, рафтори шахсро дар таълимгоҳ, корхона, ҳаёти рӯзмарра, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муошират муайян мекунад ва дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, таълимию тарбиявӣ ва масъалаҳои фароғат нақши муҳим мебозад.

Боби дуюми рисола “**Самаранокии раванди таълиму тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**” ном дошта, дорои 3 фасл мебошад.

Фасли якуми боби дуюм “**Таҳияи технологияи рушди тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**” ном дошта, масъалаи муҳимми тарбияи ватандӯстиро дар оила, мактаб ва ҷомеа баррасӣ мекунад ва нақши муассисаҳои таълимӣ, бахусус фанҳои тарбияи ҷисмониро таъкид менамояд.

Муаллифи рисола ба чунин ақида омадааст, ки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳамчун технологияи иҷтимоӣ барои муқовимат бо

тамоюлҳои манфӣ ва омодагии ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Хизмати ҳарбӣ бояд ҳамчун имтиҳони шаҳрвандӣ ва ватанпарастӣ қабул карда шуда, барои ҷавонон имкони исботи ҷавонмардӣ ва ҳифзи Ватанро фароҳам оварад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар баъзе ноҳияҳо корҳо оид ба рушди тарбияи ҷисмонӣ анҷом дода шудаанд ва шароити хуби хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ ҷавононро ба ҳимояи Ватан ҷалб месозад. Ҳамзамон, худшиносӣ ва ватанпарастии ҷавонон дар ростои сиёсати кунунии давлат тақвият ёфта, ҷавонон масъулияти ҳифзи Ватанро эҳсос менамоянд.

Тарбияи ватанпарастӣ аз оила ва мактаб оғоз гардида, дар сафи Артиши миллӣ такмил меёбад. Бедор кардани ҳисси муҳаббат ба Ватан дар шуури насли наврас вазифаи падару модар, ҷомеа ва омӯзгорон аст. Дар ин зимн, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ хизмати содиқона ба Ватан, ободии сарзамин, пешрафти давлат ва ҳимояи манфиатҳои миллату давлатро вазифаи муқаддас ва қарзи инсонии ҳар як шаҳрванд арзёбӣ намуданд.

Татбиқи чорабиниҳои даъватӣ ҳисси ватандӯстиро дар ниҳоди ҷавонон бедор сохта, ба баланд бардоштани иқтидори мудофиавӣ ва ҳифзи Ватан мусоидат менамояд. Ҳифзи Ватан на танҳо вазифаи ҳуқуқӣ, балки қарзи ахлоқӣ ва ватандӯстии ҳар як шаҳрванд аст.

Фасли дуюми боби дуюм, таҳти унвони “**Моҳияти арзишҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**”, ба ҳадафҳои зерин равона шудааст.

Дар ин замина, таваҷҷуҳи асосӣ ба тарбияи ҷисмонии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имкон медиҳад, ки фанҳои “Тарбияи ҷисмонӣ” ва “Омодагии дифои ҳарбӣ”, дар якҷоягӣ бо дигар илмҳои инсонӣ, дар ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқии онҳо нақш гузоранд.

Муаллифи рисолаи илмӣ таҳқиқоти илмӣ-педагогии худро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои Восеъ, Муъминобод ва шаҳри Кӯлоб гузаронида, дар қатори саволҳои хаттӣ боз бо омӯзгорон ва хонандагон машваратҳо ташкил кардааст. Маълум гардидааст, ки барои омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ на танҳо дониш, балки чигуна истифода бурдани ин дониш барои дарёфти ҷойгоҳ ва интихоби арзишҳои маънавию ҳуқуқӣ муҳим аст.

Таваҷҷуҳ ба фанҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бояд ба ғанӣ гардидани таҷрибаи худшиносӣ, таъсири мутақобила ба дигарон ва қобилияти ҳалли масъалаҳо нигаронида шавад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда таъкид мекунад, ки дар ташкили машғулиятҳо бояд усули бисёрҷанбаи таълим ба нақша гирифта шуда, ғояи инсонгароии таълиму тарбия бештар истифода шавад. Ба андешаи муаллифи рисолаи илмӣ тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бояд ба хонандагон дар дарёфти роҳу равиши зиндагӣ, ғояҳои маънавӣ ва меъёрҳои рафторӣ бештар мусоидат намоянд.

Дар ин фасл довталаби дараҷаи илмӣ натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар шакли ҷадвал ва диаграмма пешниҳод кардааст. Натиҷаҳои пурсиш нишон медиҳанд, ки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ на танҳо ба фанҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ вобаста аст, балки дар дигар машғулиятҳо низ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Бояд қайд кард, ки таълими тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ асосан ба омӯзгорон вобаста аст. Омӯзгор роҳу равишҳои омӯзиши тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро ба хонандагон нишон медиҳад ва баъдан хонандагон маҳорати худро сайқал дода, аз ин дониш истифода мебаранд.

Фасли сеюми боби дуюм "**Нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**" масъалаҳоеро баррасӣ мекунад, ки аксарият ба онҳо аҳаммият намедиҳанд ва онҳоро оддӣ меҳисобанд.

Барои самаранок ташаккул додани омодагии касбию педагогии омӯзгорон истифодаи фарҳангҳои миллӣ, махсусан воситаҳои миллии фарҳанги ҷисмонӣ муҳим аст. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд ба самтгирии шахсиятии раванди педагогӣ, ҷустуҷӯ ва рушди маҳоратҳо ва қобилиятҳое, ки дар ҳар як донишҷӯ мавҷуданд, такя намоянд. Тағйирот дар муносибатҳои анъанавӣ ба таълим бо мақсади ташаккули тарбияи маънавию ҷисмонии мутахассисони оянда зарур аст. Л.В. Виготский таъкид кардааст, ки шароит барои рушди сифатҳои равонӣ бояд пештар фароҳам оварда шавад.

Мақсади асосии ин рисола асосноккунии назариявии сохторсозӣ ва муайянсозии ҷузъҳои шароити педагогӣ мебошад.

Барои ташаккули самараноки омодагии касбии муаллимон бо истифода аз воситаҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ дар раванди таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олӣ, довталаби дараҷаи илмӣ шароити педагогии зеринро пешниҳод кардааст:

1. Амалисозии ҷузъи ангезишию арзишии соҳаи шахсияти муаллими ТҶ, ки ба пурракунии ӯ бо омодагӣ ба рушд ва худрушддиҳии фаъолияти касбӣ ба воситаҳои ТҶ нигаронида шудааст.

2. Татбиқи ҷузъи шинохтии соҳаи шахсияти муаллими ТҶ, ки ба шиноскунии таълимгирандагон бо донишҳо ва тавсифи тасаввуроти онҳо дар бораи омодагии касбӣ ва қонунҳои нигоҳдории онҳо ва рушд ба воситаҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ нигаронида шудааст.

3. Рушди ҷузъи рефлексивию танзимкунандаи муаллимони тарбияи ҷисмонӣ, ки дар онҳо ташаккули чунин сифатҳои шахсиятӣ муайян мешавад ва ба онҳо имкон медиҳанд субъектҳо фаъол шаванд (бошуурона ва мустақилона донишҳои касбшударо дар бораи ҳифзи маҳоратҳои касбӣ ба кор барад).

Омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ тавассути истифодаи усулҳои нав хонандагонро барои хидмат ба ҷомеа

омода намуда, аз расму оин ва бозиҳои варзишии ниёгон истифода бурда, дарсҳоро ҷолиб ва таъсирбахш мегардонад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар мустақилона навиштани диссертатсия ва иштироки бевосита дар масъалагузориҳои мавзуъ, таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои компютерӣ, таҳлил ва инчунин, дар муҳокимаи натиҷаҳои амсилавии ҳосилшуда ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқот дар диссертатсия инъикос гардида, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳои консептуалӣ, математикӣ ва компютерӣ, ки фарогири мудирияти раванди ТҲВ буда метавонад, дар рушди тарбияи ҳарбӣ–ватандӯсти хонандагони МТМУ саҳми босазо гузорад.

Дар маҷмуъ рисолаи илмӣ дар асоси талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия” таҳия гардида, дорои натиҷаҳои муайяни илмӣ мебошад. Муҳтавои асосии рисола дар автореферати он инъикос гардидааст. Дар баробари муваффақиятҳои зикргардида, рисола дорои баъзе камбудиҳои ҷузъии зерин мебошад:

1. Дар замони муосир технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ҳаёти ҷавонон нақши бисёр бузургро соҳибанд. Дар диссертатсия истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҷиҳати тарғиби тарбияи ҷисмонӣ ва ватандӯстӣ баррасӣ нагардидааст.

2. Хуб мешуд агар довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти худ на танҳо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии 3 шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлонро интихоб мекардад, балки 2 – 3 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дигар минтақаҳои мамлакатро низ мавриди омӯзиш қарор медод;

3.Дар диссертатсия ва автореферати он баъзе хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дида мешавад.

Қобили қайд аст, ки эродҳои дарҷшуда, хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриздиҳанда,
доктори илмҳои педагогӣ, директори
муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи
омӯзгории шаҳри Ҳисор: Давлатзода Ҷамила

**Маълумот барои тамос:** Шаҳри Ҳисор, 1; Тел.+992 (83139) 25-4-30, +992 907-95-06-35; Почтаи электронӣ: kgiss12@mail.ru

"Имзои Ҷ.Давлатзодаро тасдиқ мекунам".
Сардори шуъбаи кадрҳои
Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор Ниёзова З.Л

10.02.2025